## СУРАТҶАЛАСАИ №7

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 16-уми декабри соли 2022 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 8 нафар, 5 нафар аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА

1. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзуи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкат Аҳмадович) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкури рӯзнома раиси Шӯрои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, барои шинос намудани аъзои шӯро бо мактуби ҷавобии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№552 аз 15.12.2022), ки барои аз нав баррасӣ ва ба сомона гузоштани ҳуҷҷатҳои довталаб Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович ворид шудааст, суханро ба котиби илмии шӯро профессор Н.А. Ҳамробоев вогузор намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА026 профессор Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ба унвони раиси Шӯрои диссертатсионӣ аз номи Худойназаров Меҳрожидин санаи 7-уми октябри соли 2022 ариза барои баррасии диссертатсия ва автореферат ворид шуда буд. Ариза мувофиқи талаботи Низомнома дар мухлати муайяншуда баррасӣ гардид, вале аз сабаби хатогии техникӣ ҳангоми ба сомона гузоштани ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ ба хатогӣ роҳ дода шуд ва эълони ҳимояи диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин аз сомона гирифта шуд. Баъди

ирсоли мактуб ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи мактуби ҷавобии он (№552 аз 15.12.2022) диссертатсия дигарбора барои аз нав баррасӣ ва ба сомона ҷойгир кардан иҷозат дода шуд. Аз ин рӯ, автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) ва диссертатсияи довталаб Худойназаров Меҳрожидин ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои аз нав баррасӣ намудани диссертатсияи унвонҷӯ Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин дар мавзуи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
   - **Исломов О.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
   - **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
   - **Файзиев И.Д.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.
3. Эроди дар мактуб таъкидгардида ба инобат гирифта шуда, ҳуҷҷатҳо бо риояи қатъии талаботи Низомнома таҳия карда шаванд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 8 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.